ТАБРИКОТИ НАВРӮЗИИ РАИСИ КУМИТАИ ЗАБОН ВА ИСТИЛОҲОТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 20 Март, 2020 - 11:47
[1]

Боиси ифтихор ва сарфарозист, ки пас аз соҳибистиқлол шудани Тоҷикистони азиз Наврӯз бо қабои пурнусрати худ дар рӯзгори мардуми мо файзу шукӯҳи нав оварда, манзалати дунявӣ касб кард. Иқдоми хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат буд, ки ин Ҷашн дар дунё ҳамчун рисолат ва фарҳанги тоҷик шинохта шудааст.

Наврӯз дар фарҳанги мо тоҷикон рӯзи зиндагии нав, рӯзи шодӣ, рӯзи адлу адолату баробарӣ, рӯзи бахшоиши гуноҳҳои якдигар, рӯзи оштӣ буда, ин навшавӣ ҷузъе аз фарҳанги қадимаи мост, ки имрӯз ҷаҳониёнро ба беҳтар зистан даъват мекунад, дилҳо ва андешаҳо метавонанд дар ин рӯз ба ҷониби якдигар майл кунанд, некуиро пеша кунанд.

Бо самимияти хоса мегӯем, бигзор Наврӯзи имсола ба Шумо ва аҳли хонадонатон, бо манзалату ҳикмати беназираш сиҳатмандии бардавом, осудагиву амонӣ, барори кор, файзу нусрат ва сарбаландиро чун кӯҳсорон эҳдо намояд.

Расидани Наврӯзи куҳан ба сафҳаи наве аз умри он барои Шумо ва мардуми шарифи кишварамон хуҷаста бод ва ҳадяи ин айём неруи тозаи ҷисму рӯҳ, шодиву нишот, сулҳу ободӣ, тавфиқу пирӯзиҳо бошад!

Қадами тозаи Наврӯз муборак бошад,
Ҷашни фархундаву фирӯз муборак бошад.

Бо камоли эҳтиром,
раиси Кумита
О. Муҳаммадҷонзода

Баҳодиҳии муҳтаво: 5

Баҳои миёна: 5 (2 овоз)

Rate

Категория:

- Ахбори рӯз [2]

[3]

[4]

-

[5]

[6]

-

[7]

[8]

[9]

[10]

-

Манбаъ::https://www.istilohot.tj/tg/content/tabrikoti-navruzii-raisi-kumitai-zabon-va-istilokhoti-nazdi-khukumati-chumkhurii-tochikiston?mini=2026-09

Пайвандҳо
[1] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/field/image/photo_2020-03-20_11-58-40.jpg [2] https://www.istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/photo_2020-03-20_11-58-40.jpg [4] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/photo_2020-03-20_11-58-54.jpg [5] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/photo_2020-03-20_11-58-58.jpg [6] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/photo_2020-03-20_11-59-01.jpg [7] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/photo_2020-03-20_11-59-04.jpg [8] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/photo_2020-03-20_11-59-07.jpg [9] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/photo_2020-03-20_11-59-09.jpg [10] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/photo_2020-03-20_11-59-21.jpg